# АХБОРИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

№ 3(35) 2020

Дар се моҳ як маротиба нашр мешавад
Издается один раз в квартал



**11-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2020**
**РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*«Интихобот ҳамчун маъракаи муҳими сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши насҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад».*

**Эмомалӣ Раҳмон**

ДАР ШУМОРА:
В НОМЕРЕ:

Иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи сеюми Алянси Авруосиёгии омбудсменҳо бахшида ба «75-солагии хотимаи Ҷанги бузурги ватанӣ» ба тариқи онлайн-ҷаласа

Ҷонибдорӣ аз иқдоми Пешвои миллат

Некоторые вопросы ответственности индивидов и уголовные санкции в международном гуманитарном праве, применяемом в ситуации вооруженного конфликта немеждународного характера

Ба муносибати 1 июн – Иди байналмилалии ҳифзи кӯдакон. Таваҷҷуҳ ба кӯдакон кафили фардои нек аст

Сулҳофарӣ: иродаву ҷоннисориву гузашт меҳоҳад!

Таъсири манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) ба вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ

Здравоохранение и права человека в Республике Таджикистан

Падидаи душаххрвандӣ ва вазъи ҳуқуқии он

Ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Рӯзи байналмилалии гурезаҳо

Актуальность изменений и дополнений в КОАП и Уголовный кодекс Республики Таджикистан в связи с пандемией

Иқдомҳои наҷибонаи Пешвои миллат дар самти ҳуқуқ ба таҳсил

**Маҷалла**
**дар Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 7 майи соли 2012 таҳти № 0165/мҷ**
**ба қайд гирифта шудааст.**

**Бобозода Умед (Сармуҳаррир).**

**<u>Ҳайати таҳририя:</u>**
Ализода З., Абдуллозода А.Р.,
Ашуриён М.Қ., Ҳабибулозода Р. ,
Ҳакимиён С., Ашуров М.У.,
Содиқов А., Раҷабов Ш.,
Қодирӣ С.А.,
Сангов Т. (Котиби масъул)

**Суроға: 734025, ш. Душанбе,**
**хиёб. Бохтар 10,**
**Тел: 221–79–89, 221–79–69**
**info@ombudsman.tj**
**www.ombudsman.tj**

Ба чопаш 9.10.2020 имзо шуд.
Адади нашр 200

***

**Ахбори мазкур**
**дар ҶДММ**
**«Абдулло ва Искандар К°»**
**нашр шудааст**

**Суроғаи Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо:**

ш. Бохтар: к. Б. Ғафуров, 11,
тел.:(+8)3222-2-79-32;

ш. Хоруғ: к. Ленин, 25,
тел.: (+8)3522-2-32-84;

ш. Хуҷанд: к.Фирдавсӣ, 120,
тел.:(+8)3422-6-28-68;

ш. Турсунзода: к. И. Сомонӣ, 37,
тел.:(+8)3130-2-85-10;

ш. Кӯлоб: к. И.Сомонӣ, 36,
тел.: (+8)3322-2-22-93;

ш. Исфара: к. Марказӣ, 10,
тел.: (+8)3462-2-78-82;

н. Айнӣ: к. Рӯдакӣ, 27,
тел.: (+8)3479-2-28-24;

н. Рашт: ш. Ғарм, к. И. Сомонӣ, 42,
тел.: (+8)3131-2-14-13;

н. Қубодиён: к. И. Сомонӣ, 36,
тел.: (+8)3251-2-26-35.

***

**Ҳамаи хизматрасониҳои Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ройгон мебошанд.**

## ИШТИРОКИ У. БОБОЗОДА ДАР ОНЛАЙН-ВОХӮРИИ РОҲБАРОНИ НИҲОДҲОИ МИЛЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



Нимаи дуюми рӯзи 3 июли соли ҷорӣ онлайн-вохӯрии роҳбарони ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон – Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони кишварҳои Осиёи Марказӣ: У.Бобозода – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Т.Мамитов – Омбудсмени Қирғизистон, З.Утебаева – Роҳбари Марказ оид ба ҳуқуқи инсони Қазоқистон, Я.Гурбанназарова – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Туркманистон, У.Муҳаммадиев – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Олий Мажлиси Ӯзбекистон ва дигар шахсони расмӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар давраи пандемияи COVID-19 ва махсусан таҷрибаи ҷорӣ намудани низоми ҳолати фавқуллода ва вазъияти фавқуллода, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин ҳуқуқ ба саломатӣ ҳангоми ташкили баргардонидани онҳо ба ватан бинобар пайдо ва паҳн шудани коронавируси нав табодули назар намуданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ иштирок намуда, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ оид ба иқдомоти саривақтӣ ва самарабахши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо коронавируси нав, махсусан ташкили шароити табобат ва пешгирӣ, роҳандозии чорабиниҳои иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати аҳолӣ, расонидани кӯмакҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва қишри осебпазири он, роҳандозии хатсайрҳо ҷиҳати ба ватан баргардонидани муҳоҷирони меҳнатӣ ва фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маълумот доданд.

Таъкид гардид, ки 5 июни соли 2020 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид, ки ба пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири бемории коронавируси нав ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дастгирии бахши хусусӣ ва аҳолӣ равона шудааст.

Ситоди ҷумҳуриявӣ, ситодҳои дохилиидоравӣ ва муассисаҳои соҳаи тандурустӣ дар ин давра фаъолияти самаранок бурда, барои ҳифзи саломатии аҳолӣ тадбирҳои мушаххас андешида, дар як давраи кутоҳ шиддати паҳншавии бемории коронавируси навро паст намуданд.

Зимни онлайн-вохӯрӣ табодули таҷрибаи ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони давлатҳои Осиёи Мараказӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони алоҳида: маъюбон, муҳоҷирони меҳнатӣ, гурезагон, занон, кӯдакон ва ғайра сурат гирифт.

Иштирокчиёни вохӯрӣ чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳим ва самарабахш арзёбӣ намуда, омодагии худро барои истифодаи имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон изҳор дошта, ба тақвияти ҳамкориҳо даъват намуданд.

Вохӯрии мазкур бо ибтикори Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Дафтари минтақавии Истамбулии БР СММ доир шуд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ ШАФФОФИЯТ ВА ДАСТРАСИИ ОЗОДИ ОВОЗДИҲИРО ТАҚОЗО МЕНАМОЯНД



Интихоботи озод ва одилона яке аз воситаҳои асосии ифодаи иродаи халқ ба ҳисоб рафта, қадами муҳим дар роҳи демократикунонии ҷомеа ва амалӣ намудани ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ мебошад.

Стандартҳои байналмилалии интихобот талаб менамоянд, ки давлатҳо ба шахсони таҳти салоҳияташон қарордошта ҳуқуқ ва озодиҳои иштирок дар гузаронидани интихоботро пешниҳод ва барои амалишавии онҳо чораҳои дахлдор андешанд.

Дар моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон принсипҳои асосии гузаронидани интихобот ифодаи худро ёфтаанд. Моддаи мазкур эълон менамояд, ки «Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти давлатӣ бошад; ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра, бидуни сохтакорӣ, тавассути ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар ва бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари баробар, ки овоздиҳии озодро таъмин менамоянд, ба амал баровarда шавад».

Моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинӣ намудааст, ки «Ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъи табъиз ва маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ ва имкониятҳои дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пинҳонӣ ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, овоз диҳад ва интихоб шавад».

Мазмун ва принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқ ба интихобот инчунин дар Мулоҳизоти тартиби умумии Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 1996 № 25, Ҳуҷҷати Копенгаген (соли 1990) ва дигар санадҳои байналмилалӣ мустаҳкам карда шудааст.

Принсипҳои стандартҳои байналмилалии интихобот асоси қонунгузории интихоботии миллиро ташкил мекунанд. Ҳуқуқи интихобот, ки дар моддаҳои 6 ва 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, шакли ифодаи озоди иродаи халқ ва иштироки он дар раванди сиёсӣ мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи интихобот - қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва дигарҳо кафолати ҳуқуқи интихоботро тақвият дода, шаффофият ва дастрасии озоди овоздиҳиро баланд бардоштанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри соли 2019 баргузории интихобот яке аз вазифаҳои муҳими давлат ҳисобида шуда, дастур дода шуд, ки барои ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор карда шудани он тамоми чораҳо андешида шаванд. Ҳамзамон аз ҳар фарди ҷомеа тақозо карда шуд, ки дар гузаронидани ин чорабиниҳои сиёсӣ фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро нишон диҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба риоя ва

барқарорсозии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон чун яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсӣ мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва мониторинги рафти интихобот дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи чорабиниҳо таҳия карда шуд, ки масъалаҳои зеринро дарбар мегиранд: гузаронидани корҳои маърифатнокӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги интихоботӣ, шиносоӣ бо кори участкаҳои интихоботӣ, мониторинги рафти интихобот, бурдани корҳои фаҳмони-дадиҳӣ оид ба ҳуқуқи интихоботӣ, мушоҳидаи амалҳои аъзои комиссияҳои интихоботӣ, санҷиши вазъи бино, кабинаҳо ва қуттиҳои овоздиҳӣ, санҷиши мавҷудияти шароит барои овоздиҳии маъюбон ва шахсони камҳаракат ва дигарҳо.

Барои қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба интихобот қабули ҳаррӯзаи шаҳрвандон дар дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон дар давраи омодагӣ ба интихобот Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкориҳои судманди худро бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ мондааст.

Рӯзи 28 феврали соли 2020 дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ аз 26 феврали 2020 таҳти № 11763 (29-8) ва мактуби Вазорати корҳои хориҷӣ аз 19 феврали соли 2020 № 1/14-11 (3973) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо таҳлилгари Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА хонум Мерсер Кастелс Винсент воҳӯрӣ анҷом дод, ки дар он масъалаҳои гузаронидани интихоботи шаффоф ва дастрасии озоди овоздиҳӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Бо мақсади шиносоӣ аз рафти корҳои омодагӣ ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон рӯзи 22 сентябри соли 20 аз участкаи интихоботии №9 ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, участкаи интихоботии №4 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, участкаи интихоботии №31 ва №35 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе боздид намуданд.

Шиносоии мазкур нишон дод, ки дар участкаҳои интихоботии зикргардида барои озоду шаффоф баргузор шудани интихобот шароитҳои дахлдор муҳайё карда шуда, участкаҳои интихоботии мазкур бо маводи иттилоотии зарурӣ, хӯҷраҳо ва қуттиҳои овоздиҳӣ, маводи безараргардонӣ таъмин буда, барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ин маъракаи муҳими сиёсӣ омодаанд.

Ҳамзамон дар ҷараёни шиносоӣ барои беҳтар ба роҳ мондани кори участкаҳои интихоботӣ, дар сатҳи баланд ва шаффоф баргузор намудани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳою пешниҳодот манзур гардиданд.

***Муқим Ашуров – сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН — МАРҲИЛАИ НАВИ ИНКИШОФ ВА ТАТБИҚИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД



Истиқлолияти давлатӣ - нишонаи асосии миллати соҳибдавлат аст. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ сарнавишти миллат бо дасти худаш иншо гардида, шакли идораи давлатӣ, асосҳои сохти конститутсионии ниҳодои давлатию ҷамъиятӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, самти сиёсати дохилию байналмилалии он ва дигар масоили муҳими давлатӣ мустақилона муайян карда мешавад. Дар ин росто, шароити инкишоф ва ташаккулу такомули давлатдорӣ дар бисёр ҳолат аз сатҳи инкишоф ва танзимёбии муносибатҳои ҷомеа вобастагии зич дорад. Зеро, давлат маҳсули тадриҷи тамаддуни инсоният буда, шакли мураккабтарини ташкили ҳаёти ҷамъиятиро аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ ифода менамояд.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боарзиштарин дастовард ва нодиртарин падида дар таърихи ҳастии миллати тоҷик мебошад, ки баъд аз ҳазору садсоли вобастагии сиёсӣ, ҳамчун натиҷаи саъю талош, муборизаю исён, ва бозтобкунандаи орзую ормони ниёгон насиби насли саодатманди он гардидааст. Бо ин манзур метавон гуфт, ки мушараф гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ (барои миллати тоҷик) танҳо, натиҷаи барҳамхурии реҷаи шуравӣ ва таназули давлати абаркудрати ИҶШС набуда, балки маҳсули фидокориҳою талошҳои бардавоми фарзонафарзандони ин миллат дар ин ҷода аст. Дар идомаи мантиқии талошҳои озодихоҳона тоҷикон дар замони шуравӣ низ, бо барпо намудани ҷумҳурии мухторӣ маҳдуд нагардида, то ба ташкил намудани чумҳурии мустақили ҳамноми миллат дар ҳайати Иттифоқӣ Шуравӣ дастёб гардиданд.

Дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дорои ҳама махсусятҳои давлатдории муосир муаррифӣ намуда, барои асос гузоштани пояҳои бунёдии давлатдории миллии тоҷикон имконият фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушараф гардидан ба ин сатҳи баланди сиёсию ҳуқуқӣ ба марҳилаи сифатан нави инкишофи таърихӣ қадам гузошт. Дар ин марҳила шароитҳои инкишофёбии муносибатҳои ҳуқуқии кишвар тақозо менамуд, ки танзими ҳуқуқии демократии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар ҳамин вобастагӣ такмили мақомти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин воқеона иҷро гардидани вазифаи қонунан ба уҳдадоштаи онҳо, махсусан дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ амалан, зуҳур намояд. Аммо, пӯшида нест, ки дар бомдоди давлатдории муосири миллӣ зуҳури ҷанги таҳмилии шаҳрвандии дар кишвар ба вуқуъ пайваста, сатҳи инкишоф ва ташаккули падидаҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мураккабгаридаи ҷамъиятӣ, ҳолат ва фаъолияти қонунии мақомоти фавқуззикрро дар сатҳи номусоид қарор дода, барои таъмин гардидани эътироф риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва дигар арзишҳои олии инсонӣ монеъаи ҷиддӣ ба бор оварда буд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқи то ин замон амалкунандае, ки масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва таъмини адолати иҷтимоиро ба танзим медароварданд, низ ба шароити нав ҷавобгӯ набуданд.

Ба идомаи чунин вазъияти буҳронии ҳуқуқӣ қабули конститутсияи нав нуқта гузошт. 6- ноябри соли 1994, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсия қабул гардида, дар заминаи он низоми самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ

таъсис дода шуд, ки ин ҳолат марҳилаи муҳимтарин азнавташаккулёбии мақомоти давлатӣ ва татбиқи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардид.

Эълон гардидани муқаддас шуморидани озодӣ ва ҳуқуқи шахс аз номи халқи Тоҷикистон дар муқадимаи ин санади олии меъёрии кишвар, ки мақсади қабул намудани онро ифода менамояд, мустаҳакам гардида, ҳамчун ғояи конститутсионӣ дар муайян намудани ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд накши асосӣ бозида, дар дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқи таҷассум ёфтааст.

Бо дастёбӣ ба Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсия Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ мустақил, ҳуқуқбунёду демократӣ, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ шинохта шуда, арҷгузорӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки давлат муқаррар гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатдории нави миллиро аз самти ҳуқуқӣ расмӣ гардонида, таҳкурсии ин давлат, шакл, вазифаҳо ва моҳияту ҳадафи онро муайян намуд. Дар ин росто, моҳияти иҷтимоии давлат ва мантиқан, ҳадафи асосии он барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона муайян гардид. Ҳолати ҳӯқуқии инсон ва шаҳрванд дар боби алоҳидаи Конститутсия мушаххасан, ба танзим дароварда шуда, усулҳо ва кафолати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар карда шуд. Дар ҳамин замина номгӯи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд васеъ гардонида шуда, кафолати онҳо эълон гардидааст. Як қаттор падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар боби мазкур муттаҳид карда шуда аст, ки онҳо дар маҷмӯ ҳамчун маҳаки муайянкунандаи мақоми инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат накш мебозанд. Маҳз ҳамин меъёрҳо уҳдадории давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар менамоянд. Ба сатҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба он баҳо дода мешавад, ки давлат онҳоро дар қонунгузории миллии худ дар кадом сатҳ муқаррар намуда, амамлигардонии онҳоро чӣ гуна кафолат додааст.

Дар фарқият аз қонунгузории даврони пешин дар замони соҳибистиқлолият номгӯи падидаҳое, чун бехатарии шахсӣ ва озодии фардӣ, дахлнопазирии шахс ва кафолати ҳифзи судӣ тавсеа ёфта, вазифаҳо камшумор ва мушаххас гардидаанд. Маврид ба зикр аст, ки падидаи ба танзим даровардани ҳолати ҳуқуқии инсон дар вазъияти фавқулодда низ, аввалин маротиба дар қонугузории замони соҳибистиқлоли кишвар таҷассуми худро ёфтааст.

Мазмуни вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд асосан вобаста ба ҳӯқуқу вазифаҳои онҳо, ки тавассути қонунгузории миллӣ танзим гардидааст бозтоб мегардад. Бояд зикр намуд, ки маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва роҳҳалҳои татбиқгардонии онҳо яке аз маҳакҳои муайянкунандаи демократӣ будани ҷомеа маҳсуб мегардад. Бо ҳамин манзур дар марҳилаи фақуззикр ҳамвора бо инкишофи сифатан нави низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати татбиқ намудани онҳо ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳким ёфта, ширкат варзидани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ вусъат меёбад.

Дар ҳамин росто, демократукунонии падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзиши олӣ ба ҳисоб рафтани инсон ва ҳуқуқу оздии онро бозтоб намуда, дар фарқият аз замони шуравӣ нисбат ба манфиатҳои давлату ҷамъият ба манфиатҳои шахс афзалият бахшида шуда, масъулияти байниҳамдигарии давлат ва шахс ҳамчун асос муқаррар гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифта аст, ва дар ин ҷода фароҳам овардани фазои ҳуқуқии ҷомеа вазифаи авалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буда, ғояи меҳварии он таъмини волоияти қонун

ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Умуман, муносибатҳои хусусияти сиёсӣ-ҳуқуқидошта дар байни муносибатҳои бешуморе, ки вобаста ба соҳаҳои муталифи ҳаётӣ дар байни давлат ва инсон амалӣ мегарданд, мавқеи муҳим доранд. Бояд тазакур дод, ки маҳз бо туфайли ин муносибатҳо алоқаи инсон ва давлат ба худ хусусияти ҳуқуқиро касб менамояд. Дар замони муосир инчунин, робитаҳои тарафайни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амсоли инҳо, ки дар байни давлат ва инсон ба вуҷуд меоянд, тобиши сиёсӣ-ҳуқуқидошта, вобастагии давлат ва инсонро таҳким мебахшанд.

Ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар қонунгузории миллӣ инчунин, вобастагии ногусастанӣ дорад ба санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон. Мусаллам аст, ки дар санадҳои дахлдори байналмилалӣ инсон, озодӣ шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрии он ба сифати волотарин арзиш ташреҳ гардидааст. Дар ҳамин иртибот, кулли давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба риояи талабот ва таъмини иҷрои ин таъинот уҳдадор мебошанд. Аз ҷумла ин таъинот нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ (аз 2-юми марти соли 1992) паҳн мегардад.

Яке аз иқдомҳои саривақтии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи қаробат намудани ба низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва мустаҳакам намудани принсипҳои умумиэътирофгардидаи хусусияти демократию инсондустидошта ин узви комилҳуқуқи созмонҳои бузургӣ сатҳи ҷаҳонию минтақавӣ гардидан, инчунин ба созишномаҳои байналмилалию минтақавии дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба тасвибрасида пайваст шудани он мебошад.

Мусаллам аст, ки фазои ҳуқуқии ҷомеа дар шароити (мавҷудияти) устувории амният ва тартиботи ҳуқуқӣ солим мегардад. Бинобар ин заминаи асосии рушди давлат амният ва субот ба ҳисоб рафта, ин падида ба мушкилоти ҷаҳонии рӯзмарра мубадал гардидааст. Бисёр нангин аст, ки оқибати мудҳиши низоъу манфиатҷӯиҳои муғризона, амалҳои ифротгароёнаю террористӣ ва дигар бесуботиҳо дар нуқтаҳои гуногуни олам ҳамеша боиси дағалона вайрон намудан ва риоя нагардидани принсипҳои демократии оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад.

Аз муҳтавои баррасиҳои фавқуззикр метавон хулоса баровард, ки мушараф гардидан ба ҳамагуна дастоварду муваффақиятҳои беназир, танҳо дар ҳолати мавҷудияти комили падидаҳои муқаддасе, чун сулҳу субот ва амният имконпазир аст. Бо дилпурӣ метавон гуфт, ки воқеан ҳам сиёсати пешгирифтаи миллат ва давлати муосири тоҷик, бо таҷассум намудани ҳифзи манфиат ва татбиқи ормонҳои миллӣ дар меҳвари худ, роҳи дурусту ояндасоз мебошад. Дурустии ин ақидаро таҳлили беғаразонаи вазъи сиёсӣ ва муносибатҳои гуногунҷанбаи зудтағирёбандаю муракабгардидаи субъектони ҷаҳони муосир ва роҳи 29 соли таърихии тайнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

Бинобар ин, ҳар як ҳарфи маънибахш ва дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои миллат, мо — насли марҳилаи нави давлатдории тоҷикро водор месозад, ки барои дар муқобили ҳамагуна таҳдиду хатарҳои рӯзафзун бо руҳияи шикастнопазир устуворона мубориза бурда, ҷиҳати ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёду мардумсолор ва арҷгузорандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тараққӣ намудани Тоҷикистони азиз некбинона саъй намоем.

***Сангов Тоҷиддин,***
***Роҳбари намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон***

## ***БАРГУЗОРИИ НИШАСТИ МАТБУОТИИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***




Санаи 16 июли соли ҷорӣ дар толори Маркази матбуоти ҷумҳуриявӣ нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар нимсолаи якуми соли 2020 баргузор гардид.

Дар нишасти матбуотӣ У.Бобозода — Ваколатдор оид ба хуқуқи инсон, А.Сатторзода — Сардори Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Р.Ҳабибулозода – муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони ВАО иштирок намуданд.

Нахуст, Умед Бобозода баромад намуда, оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар нимсолаи якуми соли 2020 маълумоти мухтасар пешниҳод намуд.

Зимни баромади худ У.Бобозода аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти риоя, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон сухан ронда, қайд намуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2020 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни суханронии худ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот, рушди ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рӯзноманигорон маълумот дода, оид ба нақшаҳои ояндаи мақомоти Ваколатдор оид ба хуқуқи инсон фикру андешаҳои худро баён намуд.

Ҳамчунин Р.Ҳабибулозода оид ба фаъолият дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак маълумот пешниҳод намуд.

Дар идомаи нишасти матбуотӣ аз ҷониби рӯзноманигорон вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил, ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ, ҳуқуқи муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, ҳуқуқҳои кӯдакон, ҳуқуқ ба меҳнат ва самтҳои дигари ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саволҳо ва таклифу пешниҳодҳо баён карда шуданд. Ба саволҳои рӯзноманигорон аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони масъул ҷавобҳои муфассал ва қонеъкунанда дода шуданд.

Нишасти матбуотӣ дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор гардида, ба иштирокчиён шумораи нави «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маърӯзаҳои ВҲИ ва ВҲК барои соли 2019 ва Варақаи иттилоотӣ (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) омода ва дастрас карда шуд.

Дар интиҳои нишасти матбуотӣ изҳори боварӣ карда шуд, ки минбаъд низ ҳамкориҳои судманди мақомот бо васоити ахбори омма идома ва тавсеа меёбанд.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ ҶТ***

## МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН ЧУН МЕХАНИЗМИ МУҲИМИ АМАЛИГАРДОНӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН



Дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон вазифаи муқаддаси ҳар як мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ эътироф гардидааст.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ ҳуқуқи муроҷиати шаҳрвандон мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Ҳуқуқ ба муроҷиат яке аз воситаҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқӣ, ки ба воситаи он субъект метавонад талаботҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии худро қонеъ гардонад, ба ҳисоб меравад. Яъне тавассути арз ё шикоят шаҳрванд мехоҳад ҳалли масъалаи бамиёномадаро дархост намояд ва умедвор аст, ки мақомоти ваколатдор онро дарк ва дастгирӣ менамоянд.

Аз ин бармеояд, ки амалигардонии ҳуқуқ одамонро бисёртар ба ташвиш меорад, назар ба мавҷуд будани чунин ҳуқуқҳо дар ин ё он санади меъёрии ҳуқукии давлатҳо. Дар ин хусус мутаффакири барҷаста Ш. Монтескье қайд менамояд, ки «Ҳангоме, ки ман ба ягон давлат ворид мегардам, ба он аҳамият намедиҳам, ки дар он давлат кадом қонунҳо арзи вуҷуд доранд, балки ба он менигарам, ки он қонунҳо чи гуна амалӣ мегарданд».

Ҳуқуқ ба муроҷиат на танҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар матни худи Конститутсия низ дарҷ гардидааст, ки аз муҳим будани ин падида дарак медиҳад.

Дар моддаи 31 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд. Вобаста ба ин муқаррароти Конститутсия саравал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» ва баъдан 23 июли соли 2016 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқукӣ» қабул гардиданд, ки онҳо механизми амалӣ намудани талаботи моддаи 25 Конститутсияро ба таври қофӣ муайян ва танзим менамоянд.

Ғайр аз ин падидаи мазкур дар матни Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ифодаи худро меёбанд. Масалан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2010 дар ин самт иброз доштанд: «Ҳамчун кафили риояи Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон изҳор менамоям, ки баррасии ҳаматарафа ва холисонаи муроҷиати шаҳрвандон ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо бояд омили муайянкунандаи арзёбии фаъолияти мақомоти давлатӣ бошад».

Муроҷиати шаҳрвандон воситаи боэътимоди амалинамоии фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии шаҳрвандон, манфиатдории онҳо ба корҳои давлатӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо мебошад.

Муроҷиати шаҳрвандон аҳамияти сиёсӣ дорад ва ҳамчун воситаи муҳими алоқаи мустаҳкамсозии дастгоҳи давлатӣ бо аҳолӣ чун сарчашмаи иттилоот барои ҳалли масъалаҳои ҷории иҷтимоӣ ва инчунин масоили ҷамъиятӣ-сиёсӣ зарур аст, зеро шаҳрвандон ба мукаммалсозии зарурии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, дар коркарди низоми муфиди ҳамкорӣ бо намояндагиҳои гуногуни шохаҳои ҳокимият, дар васеънамоии имкониятҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти онҳо ниёз доранд.

Бояд зикр намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», ки ба тозагӣ қабул гардид, ин падидаро мушаххас намуда, доираи муроҷиаткунандагонро нисбат ба Қонуни қаблӣ васеъ намуд, яъне тибқи Қонуни амалкунанда муроҷиаткунанда шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндаи қонунии ӯ, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар муроҷиат намудааст, ба ҳисоб меравад.

Яъне баъди қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» доираи муроҷиаткунандагон васеъ гардида, тибқи ном ва матни он ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ метавонанд, ки аз ин ҳуқуқи конститутсионӣ бе ягон маҳдудият истифода баранд. Гузашта аз ин, аз ин ҳуқуқ шаҳрвандони хориҷӣ низ истифода бурда метавонанд, зеро дар Қонуни зикргардида меъёри манъкунанда дар ин хусус ҷой надорад.

Гузашта аз ин, Қонуни амалкунанда намудҳои нави муроҷиатҳоро, аз қабили дархост, таклиф, инчунин муроҷиатҳо тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) пешбинӣ намудааст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаҳои 11, 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20 ва 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 кор бо муроҷиати шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат кардан ба барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро (минбаъд муроҷиаткунандагонро) нисбат ба қарор ё амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вайрон кардаанд, баррасӣ менамояд, агар муроҷиаткунанда нисбат ба ин қарор ё амали (беамалии) ба тариқи судӣ ё маъмурӣ шикоят карда бошад, вале бо қарори оид ба шикояти ӯ қабулгардида розӣ набошад.

Дар амалияи ҳамарӯза дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи қабули шаҳрвандон таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Дар ҳамин асос шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз тарафи худи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, инчунин аз ҷониби мудирони Шӯъбаҳои соҳавии мақомот вобаста ба ҷадвали қабули шаҳрвандон қабул карда мешаванд.

Ин аст, ки ҳамасола дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зиёда аз 2500 муроҷиат ба қайд гирифта шуда, ба муроҷиаткунандагон дар ҳалли масъалаҳои гузошташудаашон мусоидат карда мешавад. Масалан, аз давраи таъсисёбӣ то моҳи январи соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 27433 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 5394 адад муроҷиати хаттӣ ва 22039 адад муроҷиати шифоҳӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар дастгоҳи марказии мақомот ба ҳисоби миёна соле зиёда аз 240 муроҷиати хаттӣ ва 370 муроҷиати шифоҳӣ ва дар маҷмӯъ 6839 адад (2707 – хаттӣ ва 4132 - шифоҳӣ) баррасӣ гардидааст. Аксарияти аризаю шикоятҳо аз рӯи иртибот барои баррасӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо фиристода шудаанд.

Дар амалияи ҳамарӯзаи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳам муроҷиатҳои хаттӣ ва ҳам муроҷиатҳои шифоҳӣ, ки ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ворид мегарданд, тибқи таснифоти онҳо асосан ба ҳуқуқ ва озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд таалуқ доранд: ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ, ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, дигар намудҳои муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ҳуқуқ ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқи шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо ва ғайраҳо.

Бояд қайд намуд, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он муроҷиатҳои шаҳрвандонро мунтазам баррасӣ намуда, барои сари вақт ва ҳамаҷониба қонеъ гардонидани арзу шикоятҳои онҳо, пешгирӣ намудани сабабҳои такроран воридшавии муроҷиатҳо ба мақомот, корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонанд.

Масалан, ҳолати кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мунтазам дар ҷаласаҳои назоратии мақомот мавриди муҳокима қарор дода шуда, масъалаҳои сари вақт баррасӣ намудани арзу шикоятҳои хаттӣ, талаб намудани ҷавобҳо аз мақомотҳои марбута тибқи муқаррарот аз назорат баровардани муроҷиатҳои назоратии ҳалшуда, зери назорат қарор додани шикоятҳо нисбати санадҳои судӣ ва ғайра муҳокима гардидаанд.

Як хусусияти кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар он ифода меёбад, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо ташкили сафарҳои корӣ ба маҳалҳо баромада, қабули шаҳрвандонро ба роҳ мемонад, ки барои ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ва аризаю шикоятҳои онҳо таъсири мусбӣ мерасонанд. Зеро баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз вазифаҳои муҳими мақомот ба ҳисоб меравад.

Чунин ҳолат соли ҷорӣ аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шуд. Яъне зимни сафари корӣ ба ноҳияҳои Восеъ ва Балҷувони вилояти Хатлон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар маҷмуъ 30 муроҷиаткунандаро қабул намуд. Маълум гардид, ки сокинони ноҳияҳи номбурда бештар ба проблемаҳои мухталифи ҳуқуқи инсон, аз қабили тақсимоти муолу мулки муштарак зимни қатъ гаштани ақди никоҳи ҳамсарон, ба даст овардани қитъаи замин, зӯроварӣ дар оила, саркашӣ аз супоридани алимент, норозӣ будан аз ҳалномаи судӣ, ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ, ба сатҳи кофии зиндагӣ, ба таҳсил ва саломатӣ, дастрас набудан ба оби ошомиданӣ ва ғайраҳо муроҷиат намуданд. Ба назари мо ин самти кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон бештар қобили таваҷҷӯҳи сокинони мамлакат мебошад, чунки ин ҳолат имкон медиҳад, ки аксар проблемаҳои мавҷуда дар ҷояш ҳал гардида, қисми дигари онҳо ба мақомоти дахлдор барои ҳалли худро ёфтан равон карда шаванд. Аз ҷониби дигар, проблемаҳои мавҷуда дар назди роҳбарият ва масъулини шаҳру ноҳияҳо баррасӣ гардида, ҳолати онҳо муайян мегарданд. Масалан, зимни қабул дар ноҳияи Восеъ дар ҳузури муовини раиси ноҳия аз ҷониби якчанд муроҷиаткунандаи шаҳраки Восеъ муайян гардид, ки то ҳол мушкилоти оби ошомиданӣ, хусусан дастрас набудани оби ошомиданӣ дар маркази ноҳия мавҷуд аст. Гузашта аз ин, дар арафаи оғози соли нави таҳсил аз ҷониби муроҷиаткунанда (муаллимаи мактаби шаҳрак) иброз шуд, ки то ҳол мактаб ба соли нави хониш омода набуда, шумораи зиёди кӯдакон барои ворид гаштан ба таҳсил дар синфи якум муроҷиат менамоянд, аммо дар мактаб ҷойҳои қофӣ то ҳол вуҷуд надошт. Ҳамин гуна проблемаҳо зиёд буданд.

Ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидан ба таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон минбаъд чунин самти кор бо муроҷиати шаҳрвандонро тақвият медиҳад, зеро зимни қабули шаҳрвандон дар маҳалҳо проблемаҳои асосии ҳуқуқи инсон муайян гардида, мӯҳтавои онҳо дар Маърӯзаҳои ҳарсолаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки вобаста ба вазъи риояи ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба мақомоти дар қонун муайянгардида ирсол мегарданд, ифодаи худро меёбанд.

Бисёр муҳим аст, ки пеш аз оне, ки муроҷиаткунандагон дар ин ё он мақомот қабул карда мешаванд, сараввал бояд шароити қофӣ бахри онҳо муҳайё карда шавад. Хусусан, барои шахсони маъюбиятдошта шароитҳои заруриро муҳайё кардан зарур аст. Масалан, бояд барои қабул утоқи алоҳида бо дарназардошти мизу курсиҳои қофӣ ва дигар таҷҳизоти лозима мавҷуд бошад. Мутаасифона, аз санҷишҳое, ки кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мақомоти давлатӣ гузаронидаанд, бармеояд, ки дар бисёре аз онҳо то ҳол утоқи қабул, ҷойи навистани ариза вуҷуд надорад. Ҳол он ки аксари муроҷиаткунандагон аз шаҳру навоҳии дурдасти мамлакат ба ин ё он мақомот ворид мегарданд.

Ҳамин тариқ, муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоти гуногуни давлатӣ яке аз падидаҳои мӯҳими демократия буда, баррасии ҳамаҷониба, саривақтӣ ва босамари он дар шароити давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳайси механизми баамалбарории ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, омили баланд бардоштани салоҳиятнокӣ, масъулиятнокии шахсони мансабдор баромад мекунад.

*Бобозода Умед - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ*

## *"ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ"*




Мардуми тоҷик пас аз чанд рӯз 29 солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ифтихор қайд менамоянд.

Миллати шарафманду соҳибтамаддун ва куҳанбунёди тоҷик аз азал ба истиқлолият эҳтироми шоиста дошт ва онро як ҷузъи асолати ватандорӣ ва ҳувияти миллии хеш медонист. Ин хусусияти барҷастаи ташаккули миллати тоҷикро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле ҳақиқатнигорона маънидод кардаанд: "Дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд доштанд: асолат ва ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузург ва созандаи иҷтимоӣ, фарҳанг ва маданияти дурахшон, ки ҳамаи онҳо дар асл шоҳсутунҳои фаъол ва таърихии мо буданд".

Ин руҳия дар даврони истиқлолият мардуми моро ба корҳои созандагиву бунёкориҳои нав ба нав ҳидоят менамояд. Давлат ва ҷомеа саъй доранд ба ормонҳои худ, ки дар Конститутсияи соли 1994 эълон шудаанд, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ноил шаванд. Дар таърихи инсоният ва давлатдорӣ собит шудааст, ки ҳар қадар шаҳрвандон дар ҷомеа озоду дахлнопазир бошанд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ҳамчун рукни асосии давлат-

дорӣ таъмину риоя карда шаванд, ҳамон қадар онҳо барои рушду пешрафти кишвари худ саъйю талоши бештар меварзанд. Яъне, риоя, таъмин ва эҳтироми ҳуқуқи инсон барои дилхоҳ ҷомеа ва давлат шарти асосии пешравӣ мебошад. Дар ин росто Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафт ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон имконияту заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Хусусан, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар боло зикр кардем ба таъмину риояи ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ бахшида, онро ҳамчун арзиши олӣ ба сатҳи вазифаи муҳими ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва мақомоти судӣ баланд бардошт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (аз 2 марти соли 1992) аксари санадҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ба тасвиб расонида, аз соли 2000 — ум инҷониб оид ба иҷрои онҳо маърӯзаҳои миллии худро ба сохторҳои дахлдори СММ пешниҳод мекунад ва барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳо мегирад. Аз рӯи ҳамаи расмиётҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон дар ин давра ба Тоҷикистон беш аз ҳазор тавсия пешниҳод шуда, ҷиҳати иҷрои онҳо вазорату идораҳои дахлдор, масъулину иҷрокунандагони мушаххас мувazзаф гардидаанд.

Дар соҳаи ҳуқуқи инсон нақши сохторҳои махсуси давлатии фаъолияташон ба ин самт нигаронидашуда, аз ҷумла Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон (соли 2002), Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 2001), Комиссияи байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон (соли 2005) сол аз сол назаррас мегарданд.

Таъсиси ниҳодҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (соли 2009) ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 2016), ки барои беҳтар гардидани корҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат карда истодаанд, аз зумраи тадбирҳои муассири давлату ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад.

Вазифаи асосии ин ниҳодҳо ба қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, гузаронидани санҷишу мониторингҳо, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд.

Ҳар сол дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (ВҲИ) зиёда аз 2400 муроҷиат ба қайд гирифта шуда, ба муроҷиаткунандагон дар ҳалли масъалаҳои гузоштташудашон мусоидат карда мешаванд. Масалан, аз давраи таъсисёбӣ то 1 январи соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар маҷмӯъ 27433 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 5394 адад муроҷиати хаттӣ ва 22039 адад муроҷиати шифоҳӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар Дастгоҳи марказии мақомот ба ҳисоби миёна соле зиёда аз 240 муроҷиати хаттӣ ва 370 муроҷиати шифоҳӣ ва дар маҷмӯъ 6839 адад (2707 — хаттӣ ва 4132 — шифоҳӣ) баррасӣ гардидааст.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба 643 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешниҳодшуда хулосаҳои дахлдор дода шудааст.

Дар солҳои 2009 — 2020 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва гурӯҳи мониторингии назди он дар муассисаҳои пӯшидаю қисман пӯшида ва дигар ташкилотҳо зиёда аз 442 санҷишу мониторингҳо гузаронида, натиҷаи онҳо ҷиҳати чораҷӯӣ ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шуданд. Аз ҷумла, соли 2019 92 (с.2018 — 57) санҷишу мониторинг ва боздид (41 санҷиш, 32 мониторинг ва 19 боздид) гузаронида шуданд, ки дар ҷараёни онҳо 16 муассисаи пӯшида ва қисман пӯшида, 16 муассисаҳои таҳсилотӣ томактабӣ ва ҳамагонӣ, 8 маркази саломатӣ, 7 муассисаи будубоши доимии кӯдакон фаро гирифта шуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон дар давраи солҳои 2009 – 2020 аз ҷониби роҳбарият ва кормандони мақомоти ВҲИ тариқи телевизион 418

баромад, радио 664 баромад анҷом дода шуда, дар интернет 741 мавод ва дар матбуоти даврӣ 229 мақола нашр шудааст. Аз ҷумла, соли 2019 ҳамагӣ 341 баромад 79 баромад дар ТВ, 115 баромад дар радио, 42 мақола дар матбуоти даврӣ ва 105 мавод дар матбуоти электронӣ дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шуд.

Дар мақомоти ВҲИ аз соли 2012 инҷониб нашри маҷаллаи «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» бо забони тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳар семоҳа як маротиба чоп мешавад. Ҳамчунин дар ин давра 94 номгӯй китобу брошураҳо бо теъдоди 61834 нусха ба нашр расонида шудааст. Аз ҷумла соли 2019 8 адад китобу брошураҳо бо теъдоди 4230 нусха чоп гардида, ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва иштирокчиёни конфронсҳо, семинару мизҳои мудаввар ба таври ройгон дастрас гардонида шуданд.

Барои огаҳии ҷомеа аз навгониҳои соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин 2 сомона-Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва китобхона бо хазинаи наздик ба 3 ҳазор китобу адабиётҳои соҳаи ҳуқуқи инсон фаъолияти самарабахш доранд.

Ҷиҳати пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ ва амалисозии ваколатҳои худ мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва васоити ахбори омма ҳамкориҳои судманд дорад. Дар доираи ин ҳамкориҳо бахшида ба паҳлуҳои гуногун ва муҳими соҳаи ҳуқуқи инсон 4 (чор) конференсияи сатҳи байналмилаливу минтақавӣ гузаронида шуданд. Аз ҷумла, 21-22 майи соли 2019 Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо” дар сатҳи баланд бо иштироки ваколатдорони ҳуқуқи инсон аз Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Озорбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон доир карда шуд.

Ҳамчунин бо дастгирии мақомоти давлатии дахлдор ва шарикони рушд дар Дастгоҳи марказии мақомот шуъбаи иттилоотӣ – таҳлилӣ (Ҳукумати Шоҳигарии Нидерландия), шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак (Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), дар маркази ВМКБ ва вилоятҳо намояндагиҳо (Ниҳоди Даниягии ҳуқуқи инсон) ва дар шаҳру ноҳияҳо қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ташкил карда шуданд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 3 намояндагӣ ва 3 қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 9 нафар мутахассисон кор мекунанд. Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар баробари баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ва пеш аз ҳама ба табақаҳои осебпазири он ва ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо мусоидат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ яке аз аввалинҳо шуда дар Осиёи Марказӣ соли 2012 ба гирифтани мақоми “В”, ки аз ҷониби Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсозии муассисаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дода мешаванд, ноил гардида, алҳол барои гирифтани мақоми “А” саъю талош дорад.

Бо ин мақсад ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тибқи онҳо салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар масъалаҳои мусоидат ба тасдиқ кардан ё ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (соли 2016), дастрасӣ ба иттилоот (2014), инчунин гузаронидани санҷиши муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида (2016) васеътар гардонида шуданд.

Ҳамаи ин тадбирҳо имкон медиҳанд сатҳу сифати корҳои мақомоти ВҲИ дар оянда боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шуда, нақши мақомоти мазкур дар самти пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ боз ҳам намоёнтар гардад.

***Ҳакимиён С. Ҳ.*,**
***Роҳбари Дастгоҳи Ваколатдори оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***ТАШРИФИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН УМЕД БОБОЗОДА БА МУАССИСАИ ИСЛОҲИИ ЯС 3/8-И САРРАЁСАТИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТИИ ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОҚЕЪ ДАР ШАҲРИ НОРАК***



Рӯзи 9 ва 10-уми июли соли 2020 дар доираи Барномаи амали мақомот Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Умед Бобозода дар якҷоягӣ бо муовини сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ – Нидоев Ҳ., муовини сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак – Низомов А. ва ёрдамчии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Салихов З. ҷиҳати шиносоӣ аз вазъи будубоши маҳкумшудагон дар Муассисаи ислоҳии ЯС 3/8-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Норак боздид ба амал овард.

Дар рафти боздид У. Бобозода аз шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон, аз ҷумла ҷойи хоб, хуҷраҳои мулоқот, ошхона, чойхона ва ҷойҳои кории маҳкумшудагон дидан намуд.

Бо назардошти иқдоми наҷибонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо мусоидати мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Муассисаи ислоҳии занонаи шаҳри Норак ашёҳо ва маводҳои тиббӣ (ниқоб, маҳлулҳои антисеп - тикӣ, дастпушакҳои тиббӣ, собун) ва доруворӣ ҷиҳати пешгирӣ ва профилактикаи бемории сирояти COVID-19 дастрас карда шуд.

Дар муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии ЯС 3/8 сехи дӯзандагӣ фаъолият менамояд, ки айни ҳол дар он матрасҳо, либосвории ҳарбӣ ва ниқобҳои тиббӣ дӯхта мешаванд. Дар вақти ташриф маълум гардид, ки барои пешгирӣ аз сироятшавии коронавируси нав дар қисмҳои алоҳидаи муассисаи мазкур хӯҷраҳои алоҳидаи нигоҳдорӣ ташкил карда шудааст.

Шиносоӣ бо шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон нишон дод, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда, махсусан дар шароити паҳншавии бемории сирояти коронавируси COVID-19 барои маҳкумшудагон шароитҳои хуб муҳайё шудааст.

***Хадамоти матбуотии ВҲИ***

## *ДЕНЬ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА*




В истории каждого государства и нации есть знаменательные даты, которые имеют судьбоносное значение.

В Таджикистане этой датой является 9 сентября 1991 года, так как именно в этот день наша республика провозгласила свою государственную независимость.

С того исторического дня прошло 29 лет. Многое достигнуто и ещё большее предстоит добиться народу Таджикистана на пути построения демократического общества и динамичного, планомерного развития нашего суверенного государства.

Жители республики под мудрым руководством Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона за этот период добились весомых результатов во всех сферах народного хозяйства страны и с уверенностью в светлое будущее самоотверженно трудятся во благо дальнейшего развития и процветания своей любимой Родины.

Уместно отметить, что за относительно короткое историческое время Таджикистан приобрел весомый статус на международной арене.

Престиж Таджикистана растёт из года в год, наша страна стала полноправным членом мирового сообщества, признала и подписала большинство международных договоров и соглашений по правам человека.

Наряду с другими достижениями республики огромным шагом на пути защиты прав человека и гражданина является создание Института Уполномоченного по правам человека, которое совпадает с периодом независимости.

Наряду с другими достижениями республики огромным шагом на пути защиты прав человека и гражданина является создание Института Уполномоченного по правам человека, которое совпадает с периодом независимости.

Так, по инициативе Основателя мира и национального согласия - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в качестве дополнительного механизма защиты и продвижения прав человека была учреждена должность Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан. В целях реализации деятельности данного института 20 марта 2008 года парламентом республики был принят Закон Республики Таджикистан «Об Уполномоченном по правам человека в Республике Таджикистан», который предусматривает независимость, назначение, требования к кандидату, срок полномочий и другие вопросы Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан.

С 2009 года Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан эффективно работает над дополнением национального механизма защиты прав человека и продвижением работы в области прав человека.

Так, за этот период Таджикистан ратифицировал ряд международных договоров и соглашений, направленных на защиту прав и свобод человека и гражданина как: Всеобщая декларация прав человека (1948 г.), Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах (1999 г.), Международный пакт о политических и гражданских правах (1999 г.) и Конвенция о правах ребенка (1993 г.). Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (1993 г.), Конвенция против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и нака-

зания (1995 г.), Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (1993), Международная конвенция о защите прав всех трудящихся-мигрантов и членов их семей (2002) и другие.

Для обеспечения работы Уполномоченного по правам человека 29 июля 2009 года был создан Аппарат Уполномоченного по правам человека из 17 государственных служащих, которое к сегодняшнему дню увеличено до 25.

В целях всесторонней защиты прав подрастающего поколения в Республике Таджикистан Основоположник мира и национального согласия - Лидер нации Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем ежегодном Послании к Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2015 году поручил создать аппарат Уполномоченного по правам ребенка.

В связи с реализацией данного поручения была создана рабочая группа из представителей профильных государственных структур. В результате изучения опыта других стран и изучения других аспектов этого вопроса рабочая группа предложила учредить в стране должность Уполномоченного по правам ребёнка в качестве заместителя Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан.

За прошедший период Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан принял и реализовал две Стратегии на 2011-2015 годы и 2016-2020 годы. В своей работе Уполномоченный по правам человека в качестве приоритетов выбрал свободу от пыток, права человека в закрытых и частично закрытых учреждениях, доступ к информации, доступ к образованию, гендерное равенство, защиту потребителей и защиту прав всех трудящихся-мигрантов и их семей.

Дальнейшая деятельность Уполномоченного по правам человека в период независимости получила развитие и при поддержке органов исполнительной власти Горно-Бадахшанской автономной области, Согдийской, Хатлонской областей и районов республиканского подчинения были созданы Представительства в областных центрах и общественные приемные Уполномоченного по правам человека в городах и районах республики.

Одним из приоритетных направлений работы УПЧ РТ является содействие восстановлению нарушенных прав трудовых мигрантов и их семей за рубежом. С этой целью Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан наладил взаимовыгодное сотрудничество с Уполномоченным по правам человека в Российской Федерации, Республике Казахстан, Кыргызстане, Туркменистане, Узбекистане, Армении, Азербайджане и других странах.

О тесном и плодотворном сотрудничестве в этом направлении подтверждается проведенная в Душанбе 21-22 мая 2019 года международная научно-практическая конференция «Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан: достижения и перспективы», в котором приняли участие руководители и представители национальных правозащитных институтов Российской Федерации, Азербайджана, Туркменистана, Казахстана, Узбекистана, Кыргызстана, официальные лица Аппарата президента и правительства Таджикистана, представители Подкомитета по аккредитации Международного координационного комитета по национальным правам человека, Верховного комиссара ООН по правам человека - всего более 120 человек.

Следует отметить, что Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан в настоящее время разрабатывает свою Стратегию на 2021-2025 годы, которая должна способствовать эффективному функционированию властей на ближайшие годы

В целях информирования государственных органов о деятельности Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан и ситуации с соблюдением прав человека и гражданина в стране Уполномоченный по правам человека представляет Доклад о своей деятельности Президенту Республики Таджикистан и Палатам парламента Республики. Доклады также направляются в Верховный суд Республики Таджикистан, Конституционный суд, Высший арбитражный суд и Генеральному прокурору Республики Таджикистан.

Доклады публикуются на таджикском, русском и английском языках, а их электронный текст размещается на сайте Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан www.ombudsman.tj. Доклады также представляются международным организациям и представителям гражданского общества.

Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан впредь будет активно участвовать в выполнении международных обязательств государства. Его сотрудники будут участвовать в подготовке национальных отчетов в межведомственных рабочих группах, входит в рабочие группы по подготовке универсального периодического обзора.

Аппарат Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан высоко оценивает достижения периода государственной независимости и продолжает работу по содействию восстановлению нарушенных прав и свобод человека и гражданина, совершенствованию законодательства Республики Таджикистан и повышению правовой грамотности населения.

***Хамидов Н.А., Руководитель Представительства Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан по Согдийской области***

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ЗАМИНАИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН




Имрӯзҳо мардуми сарбаланди тоҷик дар арафаи таҷлили ҷашни 29–умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ қарор доранд. Воқеан, Истиқлолияти давлатӣ ба тамоми самтҳо, чи дохилию чи берунии кишварамон такони тоза бахшид. Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Ин имкон маҳз бо азму талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 сентябри соли 1991 ба даст омада, солҳои минбаъда рушду нумуъ ёфт.

Сарвари давлат ҳануз соли 1992 дар дар мурочиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 таъкид намуда буданд, ки «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим». Дар робита бо ин дастури - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида, ба марҳилаи сифатан нави рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон замина гузошт ва ба инкишофи ҳама соҳаҳои қонунгузорӣ такон бахшид.

Дар натиҷаи рушди босуботи ҷомеа меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ такмил ёфта, дар он асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, дар маҷмӯъ сохти демократию ҳуқуқбунёдии давлатдории навини тоҷикон мустаҳкам карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки мақсади асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рушди устувори ҷомеа мебошад. Дар натиҷаи амалӣ шудани ҳадафҳои мазкур сатҳу сифати зиндагии мардум баланд гардида, ватани азизамон боз ҳам ободу зебо мегардад.

Истиқлолияти давлатӣ барои рушди ҳуқуқи инсон заминаи мусоид фароҳам овард. Маҳз дар натиҷаи фароҳам овардани имкониятҳои мазкур ҷомеаи навини тоҷикон рушд ёфта, қонунинияту тартиботи ҷамъиятӣ устувор гашт.

Самтҳои афзалиятноки қонунгузории миллӣ баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷомеа буда, ба мақсадҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ бо назардошти рушди ҷомеа, баланд бардоштани дониши касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, рушди минбаъдаи иститутҳои демократӣ, аз ҷумла гунонандешии сиёсиву мафкуравӣ, ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, такмили қонунҳои амалкунанда, таҳия ва қабули қонунҳои нав ва ғайраҳо равона шудааст.

Хусусияти фарққунандаи қонунҳои дар ин давра қабулшуда аз он иборат буд, ки ба воситаи онҳо барои мустаҳкам намудани асоси сохтори конститутсионии кишвар, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳукумат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин рушди иқтисод ва аз ҷониби дигар, кодификатцияи қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла соҳаҳои замин, меҳнат, манзил, ҷиноятӣ, оила ва ғайраҳо ба анҷом расонида шуда, барои таҳия ва қабули кодексҳо дар дигар соҳаҳои муҳими ҷамиятӣ шароит муҳаё карда шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки маҳз бо бадаст овардани Истиқлолияти давлатӣ мо соҳиби рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем. Дар ин давра бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ Тоҷикистон марҳила ба марҳила санадҳои ҳуқуқии баналмилалиро ба имзо расонид, ки барои риояи ҳифзи ҳукуқҳои инсон дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар ҳар як санади байналмилалӣ ҳадафҳои имзошавии он, ҳуқуқи тарафҳо, тартибу шартҳои қувваи амал пайдо кардани шартнома ва мӯҳлати амали он муайян карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ якчанд санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф кардааст, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон (с. 1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (с. 1999), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ (с. 1999), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (с. 1993), Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон (с. 1993), Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (с. 1995), Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (с. 1993), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (с. 2002) ва ғайраҳо.

Дар баробари дигар дастовардҳои ҷумҳурӣ таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ба даврони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Шурӯъ аз соли 2009 ниҳоди махсуси соҳаи ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дорад, ки механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи инсонро пурра намуда, барои беҳтар кардани корҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд.

*М. Салоҳудинов, корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*

## САФАРИ КОРИИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОҲИЯҲОИ ВОСЕЪ ВА БАЛҶУВОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



Санаи 11-13 августи соли ҷорӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода ва ёрдамчии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Салихов З. дар доираи амалисозии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва банди 86 Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2020 бо мақсади қабули шаҳрвандон ба ноҳияҳои Восеъ ва Балҷувони вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом доданд.

Зимни ин сафар дар ноҳияҳои номбурда аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Бобозода қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шуд. Дар ноҳияи Восеъ 13 нафар ва дар ноҳияи Балҷувон 8 нафар шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда шуданд. Аз натиҷаи қабули шаҳрвандон, маълум гардид, ки аҳолӣ бештар бо проблемаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои ҳамсарон, баҳсҳои оилавӣ ва тақсимоти молумулки муштарак, ҳуқуқ ба манзили истиқоматӣ, соҳибмулкӣ ба замин, тартиби гузаронидани маъракаю маросимҳо тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи зӯроварӣ дар оила, масъалаи саркашӣ аз супоридани алимент, норозигӣ аз ҳалномаҳои судӣ, мурофиаи одилонаи судӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ҳуқуқ ба дидорбинии кӯдакон, ҳуқуқ ба таҳсил, проблемаҳои доир ба таъмини оби ошомиданӣ ва ғайраҳо ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиатҳои шифоҳӣ намуданд.

Қобили қайд аст, ки бо дар назардошти проблемаҳои зикршудаи ҳуқуқҳои инсон дар ноҳияҳои мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода ба шахсони муроҷиаткунанда машварат ва тавсияҳои ҳуқуқӣ доданд.

Ҳамзамон У. Бобозода иброз доштанд, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидан ба таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон тасмим гирифтааст, ки минбаъд барои ҳалли мушкилоти ҳуқуқи инсон вобаста ба проблемаҳои рӯзмара чораҳои дахлдорро роҳандозӣ намояд.

Дар охир пешниҳод гардид, ки минбаъд ташкили гузаронидани қабули шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст, ки дасртарсӣ мушкил аст, ҷиҳати иттилоотонӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ, муайян намудани проблемаҳои аҳолӣ дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон бештар карда шавад.

**Хадамоти матбуотии ВҲИ**

## САФАРИ КОРИИ МУОВИНИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН – ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОҲИЯИ САНГВОР



Рӯзи 1 октябри соли ҷорӣ зимни сафари корӣ ба ноҳияи Сангвор кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулозода Р. бо мақсади шиносоӣ аз рафти омодагӣ ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳавзаи интихоботии №12 ва участкаи интихоботии №13 оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар н. Сангвор ташриф оварданд.

Фаъолияти ҳавза ва участкаи интихоботӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Аз сӯҳбат бо раиси Ҳавзаи интихоботии №12 Шарипов Саидбек маълум гардид, ки тибқи маълумоти оморӣ аҳолии ноҳия 23875 нафарро ташкил дода, аз он ба ҳолати 26 августи соли ҷорӣ 12608 нафар интихобкунанда мебошад. Аз ин шумора 208 нафар бори аввал овоз медиҳанд.

Мушоҳидаҳои гуруҳи корӣ нишон доданд, ки дар ҳавза ва участкаи интихоботии зикргардида шароити мусоид барои дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани интихобот муҳайё мебошад. Аз ҷумла, ҳавза ва участкаи интихоботӣ бо ҳуҷраҳо ва қуттиҳои овоздиҳӣ таъмин буда, дар он нуқтаи тиббӣ ва хонаи модару кӯдак ташкил карда шудааст. Барои 188 нафар шахсони маъюбиятдошта, ки дар интихобот иштирок менамоянд, шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда,барои онҳое, ки имконияти ба участкаи интихоботӣ омаданро надоранд, қуттии сайёр ташкил карда шудааст.

Бо мақсади иштироки фаъоли интихобкунандагон дар маъракаи муҳими сиёсӣ ва огоҳии шаҳрвандон оид ба интихобот дар кӯчаву маҳалҳои ноҳия шиору овезаҳои тарғиботӣ насб шудаанд.

**Хадамоти матбуотии ВҲИ**

## НАҚШИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



Халқи Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сатҳи конститутсионӣ муносибати худро бо низоми ҳуқуқии байналмиллалӣ муайян намудааст. Бояд зикр намуд, ки шумораи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ хеле зиёданд ва давлатҳо имконияти ба ҳамаи онҳо ҳамроҳ шудан ва татбиқ кардани онҳоро надоранд. Бинобар ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд (моддаи 10). Яъне эътироф, ҳамроҳ шудан, татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таъмини амали гардонии онҳо ба таҷрибаи амалии ҳар як давлат вобаста мебошад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар самти ҳуқуқи инсон, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, санадҳои хусусияти умумӣ дошта мебошанд. Онҳо ба ҳама давлатҳо ва ё гурӯҳи давлатҳо таъин шудаанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии мазкур меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҳифзи ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон равона карда шудаанд. Инчунин онҳо арзишҳои умумибашариеро ҳифз менамоянд, ки аҳамияти умумиҷаҳонӣ доранд.

Дар байни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳорор эътироф кардааст, инҳоро номбар кардан ба маврид аст: Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид (соли 1945); Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948); Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1966); Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966); Санади Хотимавии Машваратии Сарони давлатҳо оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (соли 1975) ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, ки агар аз як тараф ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баҳри сулҳу осоиштагӣ ва ҳамкории миёни кишварҳо қабул шуда бошанд, аз тарафи дигар дар муқаррароти онҳо пеш аз ҳама манфиатҳои халқу миллатҳо, аз ҷумла эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсонҳо мустаҳкам карда шудааст. Масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки санаи 10 декабри соли 1948 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид қабул гардидааст, дар пешгуфтори он эътирофи шаъну шараф ба инсонҳо мустаҳкам шудааст, ки ҳуқуқу баробарӣ, дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ, адолат ва сулҳи оммаро шарти асосӣ меҳисобад. Аз шумораи 30 моддае, ки дар Эъломияи мазкур ҷой дорад, ҳама баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудаанд. Дар қисми пешгуфтори Эъломия риоя ва иҷрои меъёрҳо ва муқаррароти ин санадро барои тамоми миллату халқиятҳо, давлатҳои иштирокчӣ ва мақомотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳатмӣ гардонидааст.

Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966) низ барои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шуда, аксарияти ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои субъектонро муқаррар ва механизми иҷрои онҳоро фароҳам меоранд. Хусусияти хоси ин санадҳо дар он ифода меёбанд, ки онҳо соҳавӣ буда, барои таъмини самтҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ҷавобгӯ

мебошанд. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нисбати Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ васеътар буда, аксарияти ҳуқуқ ва озодиҳоро новобаста аз шаҳрвандии шахс ба ӯ кафолат медиҳад.

Ҳамин тариқ, нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон бисёр арзишманд буда, имконият медиҳанд, ки фард дар асоси онҳо ба инкишофи озодона ва таъмини шароити мусоиди зист ноил гардад. Бахусус, баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки ин санадҳои тақдирсоз таҳия ва қабул гардиданд, имконият доданд то аҳолии курраи замин ба ҳолати сулҳу субот равона гардида, аз тамоми ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва кафолатҳои додашуда, бархурдор гарданд. Имрӯз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчунин нақши муҳимро иҷро намуда, дар баробари қонунгузории миллии кишвари мо меъёрҳои онҳо бевосита истифода ва амалӣ мешаванд.

Хушбахтона, кишвари азизи мо аксарияти санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки ба таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дахл доранд, қабул ва Парлумони кишвар онҳоро тасдиқ намудааст.Дар амал бошад, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа онҳо татбиқ мегарданд ва натиҷаҳои дилхоҳро низ дода истоданд.

***Мирзоев Ҳ., мутахассиси пешбари шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ВОХӮРИИ УМЕД БОБОЗОДА БО ҲАЙАТИ НОЗИРОНИ ДАФТАРИ НИҲОДҲОИ ДЕМОКРАТӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОНИ САҲА



8 октябри соли ҷорӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Бобозода бо ҳайати нозирони Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Михаэла Сивич ва Марианна Скопа, ки ҷиҳати мушоҳидаи раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвар омадаанд, дидор ва мулоқот намуд.

Нахуст У.Бобозода ташрифи ҳайати нозиронро хайрамақдам гуфта, ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро бо Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе муҳим арзёбӣ намуд.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар раванди ташкил ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 11 октябри соли ҷорӣ баргузор мегардад, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Қайд гардид, ки роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар раванди ташкил ва баргузории интихобот фаъолона иштирок намуда, ҳолати омодагии ҳавзаҳо ва участ-

каҳои интихоботӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳоро мониторинг намуданд. Ҳамчунин ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва қабули мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Зимни вохӯрӣ оид ба раванди тарғиботи номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вохӯрӣ бо интихобкунандагон, баромад дар телевизион, радио ва матбуоти даврӣ баҳои баланд дода шуда, бо боварӣ таъкид гардид, ки интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои озод, шаффоф, демократӣ ва бо иштироки васеи интихобкунандагон баргузор мегардад.

**Хадамоти матбуотии ВҲИ**

## ***БА ҚАДРИ ИСТИҚЛОЛИЯТ РАСИДАН АЗ ФАРҲАНГИ ВОЛОИ МИЛЛӢ АСТ.***



Истиқлолият роҳи ягонаи таъминкунандаи пешравии тамоми самтҳои фаъолияти ҳар як давлату миллат ба шумор меравад ва он ба осонӣ ба ҳар давлат муясар намегардад. Мо - тоҷикон, яке аз он халқҳои хушбахт ва сарбаланде ҳастем, ки давлати миллии худро дорем.

Ҳамин тариқ, 29 сол муқаддам пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ санаи 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти худро ба даст овард, ки он саҳифаи ҷадидеро дар таърихи давлатдории миллати тоҷик боз намуд. Бояд зикр намуд, ки истиқлолият ба халқу миллати тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Дар арафаи расидан ба истиқлолияти давлатӣ бадхоҳони миллати тоҷик бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ, тавонистанд аввал миллати моро ба гирдоби мухолифат ва муқовимати сиёсӣ кашида, баъдан давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонанд, аз ин лиҳоз мардум маҷбур шуданд, ки манзилҳои худро тарк намуда, ба дигар кишварҳо гуреза шаванд.

Хушбахтона дар чунин вазъияти басо сангин моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикис-

тон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, ки дар ин иҷлосияи таърихӣ вакилони мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуданд.

Истиқлолият имкон фароҳам овард, ки санаи 6 ноябри соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Консититутсияи хешро қабул намояд. Пас аз қабули Конститутсия роҳи миллат ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона боз шуд.

Санаи 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид ва он аз хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ шаҳодат медод. Мардуми тоҷик оқибатҳои фоҷиабори ҷанги таҳмилии шахрвандиро бо чашми худ дид ва меваи талхи нооромиҳоро чашид. Бо ташабус ва сиёсати пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шиори якпорчагӣ ва парчами мардонагиву нангу номус ба ҳам омада, якдилона роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллиро интихоб карданд ва имрӯз таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон чун муҳимтарин дастоварди таърихии давраи истиқлолият аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба мактаби нодири омӯзиш табдил ёфтааст.

Ба мо халқи тоҷик чун оина равшан аст, ки дар тӯли 29 соли даврони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ноил гардидан ба чор ҳадафи стратегии худ яъне "истиқлолияти энергетикӣ", "раҳоӣ аз бумбасти камуникатсионӣ", "таъмини амнияти озуқаворӣ" ва "саноаткунонии босурат" корҳои бузургеро ба монанди сохтани пулҳо, нақбҳо, роҳҳои бузурги байниминтақавӣ, неругоҳҳои хурду бузург, хатҳои интиқоли барқ, бунёди корхонаҳои хурду бузург ва ғайраҳо ба сомон расониида истодааст.

Истиқлолият имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои халқи худ дар муносибатҳои байналмилалӣ иштирок намуда, аъзои як қатор ташкилотҳои байналмилалу минтақавӣ ба монанди Созмони Миллали Муттаҳид, Созмонӣ ҳамкории Шанхай, Созмони умумиҷаҳонии савдо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайраҳо гардад. Ин боисисол то сол афзудани эътибор ва нуфузи кишвари азизамон гардид.

Мояи ифтихор аст, ки мардуми шарафманди тоҷик соҳибистиқлол аст. Имрӯз халқу миллатҳои зиёде ҳастанд, ки аз ин неъмати пурарзиш яъне истиқлолият маҳрум мебошанд. Аз ин рӯ, мебояд, ки ин неъмати ноёбро пос дошт.

Бинобар ин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намудаанд, ки "Муқаддасу бегазанд ва пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолият ҳамчун неъмати бебаҳои таърих вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва бонангу номуси Тоҷикистон аст ва аз ҳар яки мо саъю талош, нангу номус ва ҳушёриву зиракии сиёсиро талаб мекунад".

Бигзор аз нури хуршеди Истиқлол халқи мо сарбаланд бошад ва аз шуълаи ҳаётбахши Истиқлол рӯзгори сокинони кишвар осоишу баракати тоза пайдо намояд.

***Низомов А.Б.,***
***муовини сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак***

